# Номаҳо 3



COMIC BIBLE
SOCIETY

Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2022

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.



ИБРИЁН
МУАЛЛИФИ НОМА БА ИБРИЁН НОМАЪЛУМ АСТ, АММО БО БОВАРӢ ГУФТА МЕТАВОНЕМ, КИ ОН БА ҶАМЪИЯТИ ЯҲУДИЁН НАВИШТА ШУДА БУД...
..КИ ДАР БАЙНИ ОНҲО КАСОНЕ БУДАНД, КИ БА ИСОИ МАСЕҲ ИМОН ДОШТАНД, ВА НИЗ КАСОНЕ БУДАНД, КИ ИМОН НАДОШТАНД.
НОМА УСУЛҲОИ ҚАДИМИИ БА ВОСИТАИ КОҲИНОН ВА ҚУРБОНИҲО ПАЙРАВӢ НАМУДАНИ ХУДОРО БО УСУЛИ БЕҲТАР МУҚОИСА МЕКУНАД. ИМОНДОРОН АКНУН БА ХУДО БА ВОСИТАИ МАСЕҲ ДАСТРАСИИ БЕВОСИТА ДОРАНД.
ХУДОВАНД БА ПАДАРОНИ МО БА ВОСИТАИ РӮЪЁҲОИ ПАЙҒАМБАРОН МУРОҶИАТ МЕКАРД, ГОҲО РӮ БА РӮ – АММО АКНУН Ӯ БА МО БА ВОСИТАИ ПИСАРИ ХУД МУРОҶИАТ НАМУД.
ИСО АЗ ФАРИШТАҲО ХЕЛЕ БУЗУРГТАР АСТ, ВА НОМИ Ӯ НИСБАТ БА НОМҲО ВА УНВОНҲОИ ФАРИШТАҲО ХЕЛЕ БЕШТАР БОЛОБАРДОР ШУДААСТ.
ФАРИШТАҲОИ Ӯ – РӮҲҲОИ ХИЗМАТГУЗОР БУДА, БАРОИ ЁРӢ РАСОНДАН БА КАСОНЕ КИ НАҶОТИ ӮРО ҚАБУЛ МЕКУНАНД, ФИРИСТОДА ШУДААНД.


АЗБАСКИ ПАЁМИ ФАРИШТАВӢ ҲАҚИҚАТ АСТ ВА ХАЛҚ БАРОИ БЕИТОАТӢ ҶАЗО ДОДА ШУДААСТ, ЧӢ ЧИЗ МОРО БА ФИКРЕ ВОДОР МЕКУНАД, КИ АЗ ҶАЗО БАРКАНОР МОНДА МЕТАВОНЕМ, АГАР БА ИН НАҶОТИ БУЗУРГ БЕПАРВО БОШЕМ?
ЛОЗИМ БУД ХУДО, КИ ҲАМА ЧИЗРО БАРОИ ҶАЛОЛИ ХУД ОФАРИД, РОҲ ДИҲАД, КИ МАСЕҲ АЗОБ КАШАД, ЧУНКИ БО ИН АМАЛ Ӯ БИСЁР КАСОНРО БА НАҶОТ ОВАРД.
АЗОБҲОИ МАСЕҲ ӮРО ПЕШВОИ НАҶОТ ГАРДОНДАНД.
ИСО ҶИСМ ВА ХУН ДАР БАР КАРДА, МОНАНДИ МО ШУД, ТО КИ ФАҚАТ БО МАРГИ ИНСОН ИБЛИСРО АЗ ҚУВВАТ МАҲРУМ КАРДА ТАВОНАД.
Ӯ НА ДАР ШАКЛИ ФАРИШТА, БАЛКИ ҲАМЧУН ИНСОН – ЯҲУДӢ – ОМАД. Ӯ БОЯД БА БАРОДАРОНАШ МОНАНД МЕШУД, ТО КИ САРКОҲИНИ МЕҲРУБОН ВА ВАФОДОР БОШАД.
АЗБАСКИ ХУДИ Ӯ АЗОБ КАШИД ВА БА ВАСВАСА РӮ БА РӮ ШУД, МЕДОНАД, КИ АЗОБ КАШИДАН ВА БА ВАСВАСА ДУЧОР ШУДАНИ ОДАМОН ЧӢ ГУНА АСТ, ВА АЗ ҲАМИН САБАБ Ӯ БА МО ЁРӢ ДОДА МЕТАВОНАД.


ЧУНОН КИ МУСО ВАФОДОРОНА ХИЗМАТ МЕКАРД, ИСО НИЗ ДАР НАЗДИ ХУДО, КИ ЎРО САРКОҲИН ТАЪЙИН НАМУД, ВАФОДОР БУД.
АММО ИСО САЗОВОРИ ҶАЛОЛИ ХЕЛ БЕШТАР АЗ МУСО АСТ, ЧУНОН КИ ШАХСЕ КИ ХОНАРО СОХТААСТ, НИСБАТ БА ХОНАИ СОХТААШ САЗОВОРИ ҶАЛОЛИ БЕШТАР АСТ.
БИЁЕД БОДИҚҚАТ БОШЕМ, ҲАНГОМЕ КИ ОВОЗИ ЎРО МЕШУНАВЕМ, ТО КИ ДИЛҲОЯМОНРО ЗИДДИ Ў САХТ НАКУНЕМ, ЧУН ИСРОИЛИЁН, КИ АЗ БОИСИ БА Ў БОВАР НАКАРДАН ДАР БИЁБОН ҲАЛОК ШУДАНД.
ВАЪДАИ ХУДО ҲАНЎЗ ҲАМ УСТУВОР АСТ – Ў МЕХОҲАД МОРО НАҶОТ ДИҲАД – ЧУН ДАР ЗАМОНИ МУСО.
АММО ИН ХАБАР ИСРОИЛРО НАҶОТ НАДОД, ЧУНКИ МАРДУМ ОНРО БО ИМОН ҚАБУЛ НАКАРДАНД.
ВАҚТИ ОН АСТ, КИ БА ХУДО БОВАРӢ НАМОЕД – ДИЛҲОИ ХУДРО САХТ НАКУНЕД, ЧУНОН КИ ОНҲО КАРДАНД.
ЧУНКИ КАЛОМИ ХУДО АЗ ҲАР ШАМШЕРИ ДУДАМА ТЕЗТАР АСТ, ОН БА ФИКРҲО ВА ХОҲИШҲОИ НИҲОНИТАРИНИ МО ВОРИД ШУДА, МОҲИЯТИ АСЛИИ МОРО НИШОН МЕДИҲАД.
САРКОҲИНИ БУЗУРГИ МО, КИ АЗ ОСМОНҲО ГУЗАШТААСТ ВА НОТАВОНИҲОИ МОРО МЕФАҲМАД, МОРО ДАЪВАТ МЕКУНАД, КИ БАРОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ МАРҲАМАТ ВА ФАЙЗ ДАЛЕРОНА БА ТАХТИ ХУДО НАЗДИК ОЕМ.


САРКОҲИНИ ЯҲУДӢ – ҲАМАГӢ ИНСОНЕСТ, ЧУН ҲАР ИНСОНИ ДИГАР, АММО Ӯ ИНТИХОБ ШУДААСТ, ТО ДАР НАЗДИ ХУДО БАРОИ ҲАМАИ ОДАМОН ШАФОАТ НАМОЯД.
ҲЕҶ КАС БО ХОСТИ ХУД САРКОҲИН ШУДА НАМЕТАВОНАД – Ӯ БОЯД АЗ ҶОНИБИ ХУДО ДАЪВАТ ШУДА БОШАД.
АЗ ҲАМИН САБАБ МАСЕҲ ХУДРО САЗОВОРИ ШАРАФИ САРКОҲИНӢ НАГАРДОНД – ӮРО ХУДО ИНТИХОБ НАМУД.
ХУДО БА Ӯ ГУФТ: «ПИСАРАМ, МАН ИМРӮЗ ТУРО БА ДУНЁ ОВАРДААМ».
БИЁЕД ДОИМО ДАР БОРАИ МАСЕҲ ТАНҲО ДАРСҲОИ ИБТИДОЙ ОМӮХТАНРО БАС КУНЕМ.
МО БОЯД БА ПЕШ ҲАРАКАТ КУНЕМ, ТО КИ ДИГАР ҲАҚИҚАТҲОИ БУЗУРГРО ФАҲМЕМ ВА ДАР ФАҲМИШИ ХУД КОМИЛ ШАВЕМ.
ХУДО БА МО ВАЪДА ДОДААСТ, ВА ХУДО ҲЕҶ ГОҲ ДУРӮҒ НАМЕГӮЯД.
ИН УМЕДИ НАҶОТ ЛАНГАРЕСТ БАРОИ ҶОНҲОИ МО, КИ МОРО БА ПАСИ ПАРДА ДАР ОСМОНҲО БО ХУДО МУТТАҲИД МЕКУНАД, КИ МАСЕҲ ПЕШТАР БА ОН ҶО РОҲ ЁФТ, ТО КИ БАРОИ МО ЧУН САРКОҲИН ШАФОАТ НАМОЯД.


МАЛКИСАДАҚ ПОДШОҲИ САЛИМ ВА САРКОҲИНИ ХУДОИ ТАОЛО БУД.
ИБРОҲИМ АЗ ҒАНИМАТЕ КИ ДАР ҶАНГ БА ДАСТ ОВАРД, БА ХУДО БА ВОСИТАИ МАЛКИСОДАҚ ДАҲЯК ДОД – ВА МАЛКИСОДАҚ ӮРО БАРАКАТ ДОД
АММО ҲАНГОМЕ КИ ХУДО САРКОҲИНИ НАВРО МЕФИРИСТАД, ШАРИАТИ Ӯ НИЗ БОЯД ТАҒЙИР ЁБАД, ТО КИ МУВОФИҚАТ ДОШТА БОШАД.
МАСЕҲ НА БА ВОСИТАИ ТАЛАБОТҲОИ ҚАДИМА, БАЛКИ ДАР АСОСИ ҚУВВАЕ КИ АЗ ҲАЁТИ БЕОХИР САРЧАШМА МЕГИРАД, САРКОҲИН ШУД.
ИСО АБАДЗИНДА ВА ЧУНОН КОҲИНЕСТ, КИ ҲЕҶ ЭҲТИЁҶЕ БА КОҲИНИ ДИГАР НЕСТ, ВА Ӯ ҲАМАИ КАСОНЕРО, КИ БА ВОСИТАИ Ӯ НАЗДИ ХУДО МЕОЯНД, НАҶОТ ДОДА МЕТАВОНАД.
Ӯ МАҲЗ ҲАМОН САРКОҲИНЕСТ, КИ МО БА Ӯ ЭҲТИЁҶ ДОРЕМ – ҚУДДУС ВА БЕАЙБ.
Ӯ ЭҲТИЁҶ НАДОРАД, КИ ҲАР РӮЗ ХУНИ ҲАЙВОНҲОИ ҚУРБОНИРО РЕЗАД – Ӯ ҲАМАИ ҚУРБОНИҲОРО ЯК БОР ВА БАРОИ ҲАМЕША БА ОХИР РАСОНД, ҲАНГОМЕ КИ ХУДРО ДАР САЛИБ БА ҚУРБОНӢ ОВАРД.


МАСЕҲ, САРКОҲИНИ МО, ДАР ИБОДАТГОҲИ ОСМОНӢ, ДАР МАҲАЛЛИ АСЛИИ ПАРАСТИШ ХИЗМАТГУЗОРӢ МЕКУНАД, КИ БО ДАСТОНИ ИНСОН СОХТА НАШУДААСТ, БАЛКИ ОНРО ПАРВАРДИГОР БА ВУҶУД ОВАРДААСТ.
ҚУРБОНИЕ КИ Ӯ МЕОВАРАД, ХЕЛЕ БЕҲТАР АСТ АЗ ОН ҚУРБОНИҲОЕ КИ САРКОҲИНОНИ ЗАМИНӢ ПЕШКАШ МЕНАМУДАНД.
АҲДИ ҚАДИМ ИҶРО КАРДА НАШУД. АГАР ДАР ОН НОРАСОИҲО НАМЕБУДАНД, ЭҲТИЁҶЕ БА АҲДИ НАВ НАМЕБУД, ТО КИ АҲДИ КӮҲНАРО ИВАЗ КУНАД.
ЧУНКИ ДАР ЗАМОНҲОИ АҲДИ ҚАДИМ ҲАДИЯҲО ВА ҚУРБОНИҲО ПЕШКАШ КАРДА МЕШУДАНД, АММО ИН ҲАДИЯҲО ВА ҚУРБОНИҲО ДИЛҲОИ ОДАМОНЕРО, КИ ОНҲОРО ТАҚДИМ МЕНАМУДАНД, ПОК КАРДА НАТАВОНИСТАНД.
ИН ДАСТУРҲО ТО ЗАМОНЕ АМАЛ МЕНАМУДАНД, КИ МАСЕҲ БО НАҚШАИ НАВ ВА БЕҲТАРИ ХУДО ОМАД.
МАСЕҲ САРКОҲИНИ ИН АҲДИ БЕҲТАР ГАРДИД, КИ БА МО АТО КАРДА ШУДААСТ.
Ӯ БА ҚУДСИ ҚУДСҲО ДАРОМАДА, ХУНИ ХУДРО БАР САРПӮШИ САНДУҚИ АҲД ПОШИД.
ОДАМОНРО НАСИБ ГАРДИДААСТ, КИ ЯК БОР МУРАНД ВА ПАС АЗ ОН БА ДОВАРӢ ДУЧОР ШАВАНД.
Ӯ БОЗ МЕОЯД, ТО БА ҲАМАИ КАСОНЕ КИ ОМАДАНИ ӮРО БЕСАБРОНА ИНТИЗОРАНД, НАҶОТ ОВАРАД.



УСУЛҲОИ ҚАДИМИИ ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН ҲЕҶ ГОҲ КАСОНЕРО, КИ АЗ РӮИ ҚОИДАҲОИ ОН МЕЗИСТАНД, НАҶОТ ДОДА НАМЕТАВОНИСТАНД.
ОН ҚУРБОНИОВАРИҲОИ ҲАРСОЛА БА ОНҲО ГУНОҲҲОЯШОНРО ЁДРАС МЕНАМУДАНД, ЧУНКИ ДАР АСЛ ХУНИ НАРГОВҲО ГУНОҲҲОИ ОНҲОРО ШУСТА НАМЕТАВОНАНД.
АЗ ҲАМИН САБАБ МАСЕҲ ГУФТ: «ХУДОВАНДО, ХУНИ НАРГОВҲО ВА НАРБУЗҲОРО ТУ НАХОСТӢ, АЗ ҲАМИН САБАБ ТУ БАРОИ МАН ИН БАДАНРО МУҲАЙЁ НАМУДӢ, ТО КИ МАН ОНРО ДАР ҚУРБОНГОҲИ ТУ БА ҚУРБОНӢ ОВАРАМ.
МАН БАРОИ ОН ОМАДАМ, КИ ХОСТИ ТУРО БА ҶО ОВАРАМ, ҲАЁТАМРО ДИҲАМ, ЧУНОН КИ НАВИШТА ДАР БОРАИ МАН ШАҲОДАТ ДОДААСТ.
ДАР ҶАВОБ БА ҲАМАИ ОН ЧИ Ӯ БАРОИ МО КАРД, БИЁЕД ДАР МАДАД БА ЯКДИГАР БОДИҚҚАТ БУДА, БА ЯКДИГАР НЕКӢ КУНЕМ ВА КОРҲОИ ХАЙР БА АМАЛ ОВАРЕМ.
ҶАМЪОМАДҲОИ ХУДРО ТАРК НАКУНЕД, БАЛКИ ЯКДИГАРРО ҲАР РӮЗ НАСИҲАТ ДИҲЕД.
АГАР КАСЕ АЗ БАХШИДАШАВИИ ҲАҚИҚӢ БОХАБАР БУДА, НАҶОТДИҲАНДАРО РАД КАРДА, ДИДАВУ ДОНИСТА ГУНОҲ КУНАД, ЧУНИН ГУНОҲ БО МАРГИ МАСЕҲ КАФОРАТ КАРДА НАМЕШАВАД.
ЧУНИН КАСОН ҲЕҶ УМЕДЕ НАДОРАНД. ОНҲОРО ТАНҲО ҶАЗОИ ДАҲШАТОВАРЕ ИНТИЗОР АСТ, КИ БО ШИДДАТИ ХАШМИ ХУДО ОМАДА, ҲАМАИ ДУШМАНОНИ ӮРО ФУРӮ МЕБАРАД.


ИМОН ИНТИЗОРИИ ДИЛПУРОНАИ ОН АСТ, КИ ЧИЗИ МЕХОСТААМОН АМАЛӢ МЕГАРДАД, ВА БОВАРӢ БА ОН АСТ, КИ ЧИЗЕ КИ БА ОН УМЕД МЕБАНДЕМ, МОРО ИНТИЗОР АСТ, ҲАТТО АГАР МО ИНРО НАБИНЕМ ҲАМ.
ОДАМОНИ ХУДО ДАР ЗАМОНҲОИ ҚАДИМ БО ИМОНИ ХУД МАШҲУР БУДАНД.
БО ИМОН ҲОБИЛ БА ПАРВАРДИГОР ИТОАТ НАМУДА, ҚУРБОНИЕ ОВАРД, КИ БЕШ АЗ ҚУРБОНИИ ҚОБИЛ САЗОВОРИ ФАЙЗИ ХУДО ГАРДИД.
ҲАНӮХ БА ПАРВАРДИГОР БОВАР МЕКАРД, ВА МАРГРО НАДИДА, БА ОСМОНҲО БУРДА ШУД.
АЗ РӮИ ИМОН ЯЪҚУБ, КИ ПИР ВА ДАР ОСТОНАИ МАРГ БУД, ҲАР ДУ ПИСАРИ ЮСУФРО БАРАКАТ ДОД.
БО ИМОН ВОЛИДОНИ МУСО, БАР ХИЛОФИ ФАРМОНИ ФИРЪАВН, ӮРО ПИНҲОН КАРДАНД.
МУСО АЗ ҶАЛОЛУ ШУКӮҲИ ШОҲОНА ДАСТ КАШИД ВА ГУНОҲРО РАД НАМУДА, БА ҶОИ ИН БО ХАЛҚИ ХУДО АЗОБ КАШИДАНРО АФЗАЛ ДОНИСТ.


НӮҲ БА ОГОҲИИ ХУДО ГӮШ ДОД ВА ХЕЛЕ ПЕШТАР АЗ ЯГОН НИШОНАИ ТӮФОН КИШТӢ СОХТ.
ИБРОҲИМ ИМОН ОВАРД, ҲАНГОМЕ КИ ХУДО БА Ӯ ФАРМУД, КИ ХОНААШРО ТАРК КАРДА, БА ЗАМИНИ ДИГАР РАВАД.
СОРО БОВАР КАРД ВА МОДАР ШУД, АГАРЧИ ХЕЛЕ ПИРОНСОЛ ШУДА БУД.
БАЪЗЕҲО БА ХУДО БОВАР КАРДА, ДАР МУҲОРИБАҲО ҒОЛИБ МЕШУДАНД, ПОДШОҲИҲОРО ЗАБТ МЕКАРДАНД, ХИРАДМАНДОНА ҲУКМРОНӢ МЕНАМУДАНД ВА ОН ЧИРО, КИ ХУДО ВАЪДА КАРДА БУД, БА ДАСТ МЕОВАРДАНД
БАЪЗЕИ ДИГАР ЛАТУ КӮБ МЕШУДАНД, ДИГАРОН БА ЗИНДОНҲО ПАРТОФТА МЕШУДАНД, БАЪЗЕҲО САНГСОР МЕШУДАНД ВА ҲАТТО БО АРРА ДУ ПОРА КАРДА МЕШУДАНД, АММО ОНҲО ҲЕҶ ГОҲ АЗ ИМОНИ ХУД ДАСТ НАМЕКАШИДАНД.


МО КИ ИН ҚАДАР ШОҲИДОНИ ЗИЁД ДОРЕМ, БИЁЕД ҲАР БОРИ ГАРОНРО, КИ ХИЗМАТИ МОРО ВАЗНИН МЕКУНАД, ХУСУСАН ОН ГУНОҲҲОЕРО, КИ БА МО МОНЕЪ МЕШАВАНД, ДУР АНДОЗЕМ; ВА РОҲЕРО, КИ ХУДО ДАР ПЕШИ МО БУНЁД КАРДААСТ, БО ИМОН ДАВОН-ДАВОН ТАЙ КУНЕМ
БА ИСО, БА РОҲБАР ВА УСТОДАТОН НАЗАР ДӮЗЕД.
Ӯ ХОСТ ДАР САЛИБ БА ХОТИРИ ОН ШОДИЕ КИ ӮРО ДАР ПЕШ БУД, БА ХОРӢ БИМИРАД – ВА АКНУН Ӯ ШУКӮҲМАНДОНА ДАР НАЗДИ ТАХТИ ХУДО НИШАСТААСТ.
ПАДАРОНИ ЗАМИНӢ МОРО БО БЕҲТАРИН ТАРИҚЕ КИ БАРОЯШОН МАЪЛУМ БУД, ТАРБИЯ МЕКАРДАНД, АММО ТАРБИЯИ ИЛОҲӢ ҲАМЕША РОСТКОРОНА ВА БА НАФЪИ МОСТ, ТО КИ МО ҚУДСИЯТИ ӮРО БА ДИГАРОН РАСОНДА ТАВОНЕМ
НАТИҶААШ НАШЪУНАМОИ МО ДАР ФАЙЗ ВА РОСТКОРӢ МЕШАВАД.
DANCERS
ЧУНИН МАБОД, КИ ДАР БАЙНИ ШУМО ФОСИҚЕ Ё ЧУН ЭСАВ ХУДОБЕХАБАРЕ ЁФТ ШАВАД, КИ БАРОИ ЯК ХӮРОК НАХУСТЗОДАГИИ ХУДРО ФУРӮХТ.
ВА ҲАТТО ҲАНГОМЕ КИ ЭСАВ БО ЗОРИВУ ИЛТИҶО ОНРО БАРГАРДОНДАНӢ ШУД, АЛЛАКАЙ ДЕР ШУДА БУД.
ВА АКНУН БИГУЗОР ХУДОИ ОСОИШ, КИ ХУДОВАНДИ МО ИСОРО АЗ МУРДАГОН БАРХЕЗОНД, БАРОИ ИҶРОИ ХОСТИ Ӯ ҲАМА ЧИЗИ ЗАРУРИРО БА ШУМО ДИҲАД.
ӮРО ТО АБАДУЛОБОД ҶАЛОЛ БОД. ОМИН.


НОМАИ ЯЪҚУБ
НОМАИ ЯЪҚУБ ТАҚРИБАН ДАР СОЛҲОИ 44-49 МИЛОДӢ НАВИШТА ШУДА, ДАР АҲДИ ҶАДИД АВВАЛИН КИТОБ ГАРДИД.
МУАЛЛИФИ ОН ЯЪҚУБ БУД – БАРОДАРИ УГАЙИ ИСО ВА БАРОДАРИ ЯҲУДО.
ӮРО ЯЪҚУБИ РОСТКОР НИЗ МЕНОМИДАНД, ЧУНКИ Ӯ АЗ САМИМИ ДИЛ МЕКӮШИД РОСТКОРОНА ЗИНДАГӢ КУНАД ВА ПАЙРАВОНИ МАСЕҲРО НАСИҲАТ МЕДОД, КИ ДАР ИТОАТ БА ХУДО ҚАДАМГУЗОР БОШАНД.
НОМАИ ЯЪҚУБ БА ЯҲУДИЁНИ ИМОНДОР НАВИШТА ШУДА БУД, КИ ҲАНГОМИ ТАЪҚИБОТ, ШОЯД ДАР ЗАМОНИ ҲИРОДУСИ АГРИПОСИ I, ДАР ТАМОМИ ЗАМИН ПАРОКАНДА ШУДА БУДАНД
БА ДУВОЗДАҲ ҚАБИЛАЕ КИ ДАР БАЙНИ ХАЛҚҲО ПАРОКАНДА МЕБОШАНД
ВАҚТЕ КИ БА ОЗМОИШҲОИ ГУНОГУН ДУЧОР МЕШАВЕД, ИНРО БАРОИ ХУД ШОДИИ БУЗУРГ ҲИСОБ КУНЕД, ЧУН МЕДОНЕД, КИ ИМТИҲОНИ ИМОНИ ШУМО САБРРО БА ВУҶУД МЕОВАРАД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ САБР КОМИЛ МЕШАВАД, ШУМО БА ҲАМА КОР ОМОДА ШУДА, РӮҲАН ҚАВӢ, КОМИЛ ВА БОЛИҒ ШУДА, ҲЕҶ КАМБУДИЕ НАХОҲЕД ДОШТ.
ЯЪҚУБ 1:1-4
11


АГАР ДОНИСТАН ХОҲЕД, КИ ХУДО АЗ ШУМО ЧӢ МЕХОҲАД, АЗ Ӯ ДАРХОСТ КУНЕД, ВА Ӯ БО ХУШНУДӢ БА ШУМО МЕГӮЯД, ЧУНКИ Ӯ БА ҲАР КАСЕ КИ АЗ Ӯ ХИРАД ДАРХОСТ КУНАД, ОНРО МЕДИҲАД.
АММО БО ИМОН ДАРХОСТ КУНЕД, ЧУНКИ ШУБҲАКУНАНДА БА МАВҶИ БАҲР МОНАНД АСТ, КИ БО ВАЗИШИ ШАМОЛ БА ҲАР СӮ РОНДА МЕШАВАД.
МАСЕҲӢ ДАР БЕЧОРАГИИ ХУД БОЯД ФАХР НАМОЯД – Ӯ ДАР НАЗАРИ ХУДО САРБАЛАНД АСТ.
ВА САРВАТМАНД БОЯД ФАХР КУНАД, ЧУНКИ БА ЗУДӢ Ӯ ПАСТ МЕШАВАД, ЧУН ГУЛЕ КИ ЗЕРИ НУРҲОИ СӮЗОНИ ОФТОБ ХУШК МЕШАВАД
ХУШО КАСЕ КИ ДАР ОЗМОИШ УСТУВОР МЕМОНАД, ЗЕРО МУКОФОТИ ХУДРО ХОҲАД ГИРИФТ.
ҲАНГОМЕ КИ КАСЕ БА ОЗМОИШ ДУЧОР МЕШАВАД, НА ХУДО ӮРО ВАСВАСА МЕКУНАД – ЧУНКИ ХУДО ҲЕҶ ГОҲ КАСЕРО ВАСВАСА НАМЕКУНАД.
ENTER
ДАР ШУНИДАН БОШИТОБ, ДАР ГУФТАН ОҲИСТА ВА ДАР ХАШМ ОҲИСТА БОШЕД;  ЗЕРО ШАХСИ ХАШМГИН ҲАЁТИ РОСТКОРОНАЕРО, КИ ХУДО БА НАҚША ГИРИФТААСТ, БА АМАЛ НАМЕОВАРАД.
ЭҲ ТУ, АБЛАҲ!
КАСЕ КИ ХУДРО МАСЕҲӢ МЕҲИСОБАД, АММО ЛАҶОМИ ЗАБОНАШРО НАМЕКАШАД, ХУДРО ФИРЕБ МЕДИҲАД, ВА ИМОНИ Ӯ БЕФОИДА АСТ.
ТАҚВОДОРИИ ҲАҚИҚӢ, КИ ХУДО ҚАБУЛ МЕКУНАД, ИН АСТ, КИ ЯТИМОН ВА БЕВАЗАНОНРО ДАР ДУШВОРИҲОИ ОНҲО ДАСТГИРӢ КУНЕМ ВА ХУДРО АЗ ОЛУДАГИИ ҶАҲОН НИГОҲ ДОРЕМ


ЧӢ ТАВР ШУМО ГУФТА МЕТАВОНЕД, КИ БА ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ ТААЛЛУҚ ДОРЕД, АГАР БА САРВАТМАНДОН РӮЙБИНӢ КАРДА, БА КАМБАҒАЛОН БО ТАКАББУР МЕНИГАРЕД?
АГАР ШУМО САРВАТМАНДОНРО БОЛОБАРДОР КАРДА, БА ОНҲО РӮЙБИНӢ МЕКАРДА БОШЕД, ГУНОҲ МЕКУНЕД.
ХУДО КАМБАҒАЛОНРО ИНТИХОБ КАРДААСТ, ТО КИ ДАР ИМОН САРВАТМАНД БОШАНД.
МАГАР НА САРВАТМАНДОН ОДАТАН ШУМОРО БА МАҲКАМАҲО МЕКАШАНД ВА АКСАРАН КАСОНЕ ҲАСТАНД, КИ ИСОИ МАСЕҲРО МАСХАРА МЕКУНАНД?
ЧӢ ФОИДАЕ ҲАСТ, АГАР ГӮЕД, КИ ИМОН ДОРЕД, ЛЕКИН БА ДИГАРОН ЁРӢ ДОДА, ИНРО ИСБОТ НАМЕКАРДА БОШЕД? ОЁ ЧУНИН ИМОН КАСЕРО НАҶОТ МЕДИҲАД?
ИМОНЕ КИ БА ВОСИТАИ АМАЛҲОИ НЕК ЗОҲИР НАМЕШАВАД, УМУМАН ИМОН НЕСТ – ОН МУРДА ВА БЕФОИДА АСТ
ОЁ ДАР БАЙНИ ШУМО КАСОНЕ ҲАСТАНД, КИ БА ФИКРАШОН, "ЯК ХУДИ ИМОН" КИФОЯ АСТ?
ТУ БА ХУДОИ ЯГОНА ИМОН ДОРӢ? ХУБ, АММО ДЕВҲО НИЗ ИМОН ДОРАНД – ВА МЕЛАРЗАНД!
РОҲОБИ ФОҲИША НИЗ БА ВОСИТАИ АМАЛҲО САФЕД ШУД, ВАҚТЕ КИ ҶОСУСОНРО ПИНҲОН НАМУДА, БО РОҲИ ДИГАР РАВОНА КАРД.
ЧУНОН КИ БАДАН БЕ РӮҲИ ҲАЁТ МУРДА АСТ, ИМОН НИЗ БЕ АМАЛҲОИ НЕК МУРДА АСТ.

ЯЪҚУБ 2


КӮШИШ НАКУНЕД БА ДИГАРОН ХАТОҲОЯШОНРО БЕҲАД ЗИЁД ЗИКР НАМОЕД, ЧУНКИ МО ҲАМА ХАТО МЕКУНЕМ.
АГАР КАСЕ ЗАБОНАШРО НАЗОРАТ КАРДА ТАВОНАД, ИН МАЪНОИ ОНРО ДОРАД, КИ Ӯ ДАР ДИЛХОҲ СОҲАИ ДИГАР НИЗ ХУДРО ХУБ ИДОРА КАРДА МЕТАВОНАД.
МО АСПИ БАҚУВВАТРО БО ИСТИФОДАИ ЛАҶОМ ИДОРА МЕКУНЕМ, ВА СУККОНИ ХУРДЕ КИШТИИ КАЛОНЕРО БА ҲАР ҶОЕ КИ СУККОНДОР ХОҲАД, РАВОНА КАРДА МЕТАВОНАД.
ЗАБОН НИЗ, КИ УЗВИ ХУРД АСТ, ЗАРАРИ БИСЁР РАСОНДА МЕТАВОНАД.
ОДАМОН БИСЁР НАВЪҲОИ ҲАЙВОНОТ ВА ПАРАНДАГОНРО РОМ КАРДА МЕТАВОНАНД, АММО ҲЕҶ ЯК ОДАМ ЗАБОНРО РОМ КАРДА НАМЕТАВОНАД.
АЗ АЙНИ ЯК ДАҲОН СИТОИШ ВА ДАШНОМ МЕБАРОЯД – НАБОЯД ИН ТАВР ШАВАД.
АГАР ШУМО ХИРАДМАНД БОШЕД, БО РАФТОРИ НЕК ЗИНДАГӢ КУНЕД, ТО КИ ФАҚАТ КОРҲОИ НЕК КУНЕД.
ЧУНКИ ДАР ҲИКМАТИ ИЛОҲӢ ҲАСАД ВА ХУДПАРАСТӢ НЕСТ. ЧУНИН МАЙЛҲО БА МУНОСИБАТИ ЗАМИНӢ ВА ҒАЙРИРӮҲОНӢ ХОС МЕБОШАНД, КИ ОНҲОРО ИБЛИС ТАЛҚИН КАРДААСТ.
ВАЛЕКИН ҲИКМАТЕ КИ АЗ БОЛОСТ, АВВАЛАН ПОК АСТ, СИПАС ОСОИШТА, МЕҲРУБОН, НАСИҲАТПАЗИР АСТ. ОН ПУР АЗ МАРҲАМАТ ВА КОРҲОИ НЕК АСТ
ЯЪҚУБ 3


ҶАНГУ ҶИДОЛ ДАР МИЁНИ ШУМО АЗ КУҶОСТ? ОЁ НА АЗ ҲАВАСҲОИ БАДИ ШУМОСТ?
75%
ЧИЗИ МЕХОСТААТОНРО НАДОРЕД, ЧУНКИ АЗ ХУДО ДАРХОСТ НАМЕКУНЕД, ВА ҲАНГОМЕ КИ ДАРХОСТ МЕКУНЕД, ТАНҲО БАРОИ ҲАВАСҲОИ ХУД ДАРХОСТ МЕКУНЕД.
ОЁ НАМЕДОНЕД, КИ ДӮСТӢ БО ОДАМОНИ ИН ҶАҲОН, КИ ФИКРҲОИ БАД ДОРАНД, ДУШМАНӢ БО ХУДОСТ?
SMITH
ХУДО БА ФУРӮТАНОН ФАЙЗ ВА ҚУВВАТ МЕБАХШАД, ВА БА МАҒРУРОН ВА ҲАВОБАЛАНДОН МУХОЛИФАТ МЕКУНАД.
ПАС, БА ХУДО ФАРМОНБАРДОР ШАВЕД. БА ИБЛИС МУҚОБИЛАТ КУНЕД, ВА Ӯ АЗ ШУМО МЕГУРЕЗАД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ ШУМО БА ХУДО НАЗДИК МЕШАВЕД, Ӯ НИЗ БА ШУМО НАЗДИК МЕШАВАД.
ЭЙ КАСОНЕ КИ МЕГӮЯНД: "ИМРӮЗ Ё ФАРДО СОҲИБКОРИИ БОМУВАФФАҚИЯТРО САР МЕКУНЕМ"
ШУМО БОЯД ГӮЕД: "АГАР ХУДОВАНД ХОҲАД ВА ЗИНДА МОНЕМ, ЧУНИН Ё ЧУНОН МЕКУНЕМ".


ГӮШ КУНЕД, ЭЙ САРВАТМАНДОН – ВАҚТИ ОН АСТ, КИ ГИРЯ ВА НОЛА КУНЕД, ЧУНКИ БА САРАТОН БАЛОҲО МЕОЯНД.
ШУМО СОЛҲОИ УМРИ ХУДРО БА АЙШУ НӮШ САРФ НАМУДА, ДИЛҲОИ ХУДРО ГӮЁ БАРОИ РӮЗИ КУШТАН ФАРБЕҲ КАРДАЕД.
ЭЙ БАРОДАРОНИ МАН, НА БА ОСМОН ҚАСАМ ЁД КУНЕД, НА БА ЗАМИН, НА БА ЯГОН ҚАСАМИ ДИГАРЕ; БАЛКИ ТАНҲО “ҲА” Ё “НЕ” ГӮЕД, ТО БА ГУНОҲ ГИРИФТОР ГАРДИДА, МАҲКУМ НАШАВЕД.
АГАР КАСЕ АЗ БАЙНИ ШУМО АЗОБ МЕКАШИДА БОШАД, БИГЗОР ДУО ГӮЯД.
КАСЕ КИ ШОДМОН, БИГЗОР ТАРОНАЕ АЗ ЗАБУР БАРОИ ХУДОВАНД ХОНАД.
«АГАР КАСЕ АЗ ШУМО БЕМОР БОШАД, БИГЗОР ПИРОНИ ҶАМОАТРО НАЗДИ ХУД ДАЪВАТ НАМОЯД, ВА ОНҲО ӮРО БА НОМИ ХУДОВАНД РАВҒАН МОЛИДА, БАРОИ ШИФО ЁФТАНИ Ӯ ДУО ГӮЯНД.
БА ХАТОҲОИ ХУД НАЗДИ ЯКДИГАР ИҚРОР ШАВЕД ВА БАРОИ ЯКДИГАР ДУО ГӮЕД, ТО ШИФО ЁБЕД.
ДУОИ САМИМИИ ШАХСИ РОСТКОР ҚУВВАТИ БУЗУРГЕ ДОРАД ВА КОРҲОИ ҲАЙРАТОВАР БА МАЛ МЕОВАРАД.
АГАР КАСЕ АЗ ШУМО АЗ ХУДО ДУР ШУДА АЗ РОҲИ РОСТӢ БАРОЯД, ВА КАСЕ ӮРО БАРГАРДОНАД, ИН ШАХС ҶОНИ ГУМРОҲШУДАРО НАҶОТ МЕДИҲАД.


ДАР СОЛИ 64-УМИ МИЛОДӢ ДАР РУМ СӮХТОРИ АЗИМЕ РӮЙ ДОД – БИСЁР РУМИЁН ГУМОН ДОШТАНД, КИ ИН СӮХТОРРО НЕРОН БА АМАЛ ОВАРД, ЗЕРО МАЙЛ БА ЭҶОДКОРӢ ӮРО БА ИН ВОДОР КАРД.
БИСЁР РУМИЁН ҲАЛОК ШУДАНД ВА БИСЁРЕ БЕХОНУМОН ШУДАНД.
НЕРОН ХОСТ ҒАЗАБИ ХАЛҚИ ХУДРО БА ТАРАФИ ДИГАР РАВОНА КУНАД...
ОВОЗАЕРО ПАҲН КУНЕД, КИ ИНРО МАСЕҲИЁН КАРДААНД – ДАР НИҲОЯТИ КОР, МАҲЗ ОНҲО ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД, КИ ҶАҲОН ДАР ОТАШ МЕСӮЗАД.
ҲАМИН ТАВР ДАВРАИ 200-СОЛАИ ТАЪҚИБИ ПАЙРАВОНИ МАСЕҲ САР ШУД.
ҲАВВОРӢ ПЕТРУС ИН НОМАРО БА МАСЕҲИЁНИ ПАРОКАНДАШУДА НАВИШТ, ТО ФАҲМОНАД, КИ ЧӢ ТАВР МАСЕҲИЁН БОЯД АЗ ӮҲДАИ ДУШМАНОН БАРОМАДА, ДАР ОСОИШТАГӢ ЗИНДАГӢ КУНАНД.
БА ОНҲОЕ КИ ДАР ВИЛОЯТҲОИ ПОНТУС, ҒАЛОТИЯ, КАППАДОКИЯ, ОСИЁ ВА БИТУНИЯ ПАРОКАНДА МЕБОШАНД– ХУДО ПАДАР АЗ АВВАЛ ШУМОРО ИНТИХОБ НАМУД ВА МЕДОНИСТ, КИ ШУМО ФАРЗАНДОНИ Ӯ МЕШАВЕД.
ИН МУШКИЛОТ БАРОИ ОЗМОИШИ ИМОНИ ШУМО ФАРО РАСИДААНД, ТО МАЪЛУМ ГАРДАД, КИ ОН ТО ЧӢ АНДОЗА ҚАВӢ ВА БЕАЙБ АСТ.
МОНАНДИ ОН КИ ОТАШ ТИЛЛОРО МЕОЗМОЯД ВА ПОК МЕКУНАД – ВА ИМОНИ ШУМОРО ПАРВАРДИГОР ХЕЛЕ БЕШТАР АЗ ТИЛЛОИ ХОЛИС ҚАДР МЕКУНАД.
МУКОФОТИ ОЯНДАИ ШУМО БАРОИ БОВАРӢ БА Ӯ НАҶОТИ ҶОНҲОЯТОН ХОҲАД БУД.
ВА ИН НАҶОТРО ПАЙҒАМБАРОН ТО ОХИР ДАРК НАКАРДААНД.


ҲИССИ НАФРАТРО АЗ ХУД ДУР КУНЕД.
ҲАР ФИРЕБУ ДУРӮЯГИВУ ҲАСАД ВА ҲАР БАДГӮИРО АЗ ХУД ДУР КУНЕД.
НАЗДИ МАСЕҲ ОЕД, КИ Ӯ САНГИ ЗИНДА АСТ, КИ ПАРВАРДИГОР БАР ОН БУНЁД МЕКУНАД.
ВА АКНУН ХУДАТОН САНГҲОИ ЗИНДАИ СОХТМОНӢ ШАВЕД, ТО КИ ПАРВАРДИГОР БАРОИ ХУД ХОНАИ РӮҲОНӢ СОХТА ТАВОНАД.
ШУМОРО ХУДИ ПАРВАРДИГОР ИНТИХОБ КАРДААСТ – ШУМО КОҲИНОНИ ПОДШОҲ ҲАСТЕД
АЗБАСКИ ХОНАИ ҲАҚИҚИИ ШУМО ДАР ОСМОНҲОСТ, МАН АЗ ШУМО ИЛТИҶО МЕКУНАМ – АЗ ҲАВАСҲОИ БАДИ ИН ҶАҲОН КАНОРАҶӮЙ КУНЕД, КИ ЗИДДИ ҶОНҲОИ ШУМО МЕБАРОЯНД.
ХОСТИ ХУДО ОН АСТ, КИ ШУМО ДАР ПОКӢ ЗИНДАГӢ КУНЕД, ВА БО ҲАМИН АМАЛ КАСОНЕРО, КИ БЕХИРАДОНА ИНҶИЛРО ЛАЪНАТ МЕХОНАНД, ФУРӮТАН ГАРДОНЕД.
ҲАМАРО ЭҲТИРОМ НАМОЕД. АЗ ХУДО ТАРСЕД ВА ҲУКУМАТДОРОНРО ИЗЗАТ НАМОЕД
ИН АЗОБ ЯК ҚИСМИ МЕҲНАТЕСТ, КИ ХУДО ШУМОРО БА ОН ДАЪВАТ НАМУДААСТ. МАСЕҲ БАРОИ ШУМО АЗОБ КАШИДА, БАРОЯТОН НАМУНАИ ИБРАТ ГАРДИД
Ӯ ГУНОҲҲОИ МОРО ДАР БАДАНИ ХУД БА САЛИБ БАРДОШТ, ТО КИ МО АЗ ГУНОҲ РАҲОЙ ЁФТА ТАВОНЕМ – БО ЗАХМҲОИ Ӯ МО ШИФО ЁФТАЕМ!


ЭЙ ЗАНОН, БА ШАВҲАРОНИ ХУД ФАРМОНБАРДОР БОШЕД, ТО БАЪЗЕ АЗ ОНҲО, КИ БЕИМОН ҲАСТАНД, БЕ КАЛОМ, БА ВОСИТАИ РАФТОРИ ЗАНОН ИМОНДОР ШАВАНД.
ДАР ХУСУСИ ОРОИШИ ЗОҲИРӢ: МӮЙ БОФТАН, ЗЕВАРИ ТИЛЛО БАСТАН Ё ЛИБОСҲОИ ЗЕБО ПӮШИДАН ҒАМХОРӢ НАКУНЕД, БАЛКИ БОТИНАН ЗЕБО БОШЕД – БО РӮҲИ ФУРӮТАН ВА ОРОМ.
ЭЙ ШАВҲАРОН, ОИД БА ЭҲТИЁҶОТИ ЗАНОНИ ХУД БОМУЛОҲИЗА БОШЕД ВА ОНҲОРО МӮҲТАРАМ ДОРЕД, ЧУНКИ ОНҲО ҶИНСИ ЛАТИФ ВА БО ШУМО ВОРИСОНИ ҲАЁТИ АБАДӢ МЕБОШАНД – ТО КИ ҲЕҶ ЧИЗ БА ДУОҲОИ ШУМО МОНЕЪ ШУДА НАТАВОНАД.
АГАР ХОҲЕД, КИ РӮЗҲОИ НЕК БИНЕД, БИГЗОР ЗАБОНАТОНРО АЗ БАДӢ НИГОҲ ДОРЕД, ВА ЛАБОНАТОНРО АЗ ГУФТОРИ ФИРЕБАНДА.
АЗ БАДӢ ДУР ШАВЕД ВА НЕКӢ КУНЕД.


ЧУНОН КИ МАСЕҲ БАРОИ ШУМО АЗОБ КАШИД, ШУМО НИЗ БОЯД ТАЙЁР БОШЕД ҲАМОН РӮҲРО ЗОҲИР НАМОЕД – ВА БАРОИ АЗОБ ДИДАН ТАЙЁР БОШЕД.
БАДААХ
ДАР ГУЗАШТА ШУМО БА БАДАХЛОҚӢ, ҲАВАСҲО, МАСТИГАРӢ ВА БУТПАРАСТӢ ДОДА ШУДА БУДЕД.
ДӮСТОНИ ПЕШТАРАИ ШУМО ХЕЛЕ ҲАЙРОН МЕШАВАНД, ҲАНГОМЕ КИ ШУМО БО МАЙЛИ ТОМ БА ОНҲО ШАРИК НАМЕШАВЕД, ВА БА ОНҲО ЛОЗИМ МЕОЯД, КИ БА КАСЕ КИ ЗИНДАҲО ВА МУРДАҲОРО ДОВАРӢ МЕКУНАД, ҶАВОБ ГӮЯНД.
ПОЁНИ ИН ҶАҲОН БА ЗУДӢ МЕОЯД. ПАС БОМУЛОҲИЗА ВА БАРОИ ДУО ҲУШЁР БОШЕД.
ҲАНГОМЕ КИ ШУМОРО БАРОИ МАСЕҲ ЛАЪНАТ МЕГӮЯНД ВА ТАЪҚИБ МЕКУНАНД, ШОД БОШЕД, ЧУНКИ РӮҲИ ХУДО БАР ШУМО БО ҶАЛОЛИ БУЗУРГ ҚАРОР МЕГИРАД
АГАР ШУМО ХОСТИ ХУДОРО ИҶРО КАРДА, АЗОБ КАШЕД, АМАЛҲОИ РОСТКОРИРО ДАВОМ ДИҲЕД ВА ХУДРО БА ХУДО, КИ ШУМОРО ОФАРИДААСТ, СУПОРЕД.
ДӮСТОНИ АЗИЗ, ҲАНГОМЕ КИ АЗ ОЗМОИШҲОИ ОТАШИН МЕГУЗАРЕД, ҲАЙРОН НАШАВЕД, ЧУНКИ ДАР ИН ҲЕҶ ЧИЗИ ҒАЙРИОДӢ НЕСТ
БАРЪАКС, АЗ ОН ШОД БОШЕД, КИ ШУМО ШАРИКОНИ АЗОБҲОИ МАСЕҲ МЕШАВЕД



БА ШУМО НИЗ МУРОҶИАТ МЕКУНАМ, ШУБОНОНИ КАЛИСОҲО – МАН ХУДАМ ҲАМ ШУБОН ҲАСТАМ ВА АЗОБҲОИ МАСЕҲРО ДАР САЛИБ ДИДААМ.
РАМАИ ХУДОРО ЧАРОНЕД ВА НА БЕТАРАФОНА, БАЛКИ БО МАЙЛИ ТОМ ҒАМХОРӢ КУНЕД – НА АЗ БОИСИ ОН ЧИ АЗ ИН БА ДАСТ ОВАРДА МЕТАВОНЕД, БАЛКИ БО ХОҲИШИ ХИЗМАТ БА ХУДОВАНД
ЭЙ ҶАВОНОН, БА ПИРОН ФАРМОНБАРДОР БОШЕД ВА БО ФУРӮТАНӢ ХИЗМАТГУЗОРӢ НАМОЕД.
ДАР ЗЕРИ ДАСТИ ПУРЗӮРИ ХУДО ФУРӮТАН БОШЕД, ВА Ӯ ШУМОРО ДАР ЗАМОНИ ХУД САРАФРОЗ МЕКУНАД.
ҲУШЁР ВА БЕДОР БУДА, ҲУҶУМҲОИ ДУШМАНАТОН, ИБЛИСРО, ЗАДА ГАРДОНЕД – Ӯ ЧУН ШЕРИ ҒУРРОН ГАШТУГУЗОР КАРДА, КАСЕРО МЕҶӮЯД, ТО БА КОМИ ХУД КАШАД.
ПАС АЗ АЗОБИ МУВАҚҚАТИИ ШУМО ХУДОВАНД БА ШУМО ҶАЛОЛИ АБАДИРО АТО МЕКУНАД.
Ӯ ШУМОРО БОЛОБАРДОР МЕКУНАД, УСТУВОР МЕНАМОЯД ВА СОБИТҚАДАМ МЕГАРДОНАД – АЗ ҲАРВАҚТА ҚАВИТАР.
КАЛИСОЕ КИ ДАР ИН ҶО, ДАР РУМ АСТ, БА ШУМО САЛОМ МЕРАСОНАД.


ПЕТРУС ЧАНДЕ ПЕШ АЗ МАРГ БО ФАРМОНИ НЕРОН ДАР ҲАБС БУДА, НОМАИ ДУЮМРО НАВИШТ.
Ӯ АЗ БОИСИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН – БИДЪАТҲО ВА ТАРЗИ ЗИНДАГИИ БАДАХЛОҚОНАИ ОНҲО ХАВОТИР ШУДА БУД.
БАРОДАРОНИ АЗИЗ, БО ҶИДДУ ҶАҲД МЕҲНАТ КУНЕД, ТО НИШОН ДИҲЕД, КИ ДАР БАЙНИ КАСОНЕ ҲАСТЕД, КИ ХУДОВАНД ДАЪВАТ НАМУДААСТ ВА ИНТИХОБ КАРДААСТ, ВА ОН ГОҲ ШУМО ҲЕҶ ГОҲ АҚИБ НАМЕНИШИНЕД ВА ФУРӮ НАМЕҒАЛТЕД.
БАРОДАРОНИ АЗИЗ,
АММО ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ БА МАН НИШОН ДОД, КИ РӮЗҲОИ МАН ДАР ИН ЗАМИН БА ОХИР МЕРАСАНД, ВА МАН БА ҚАРИБӢ МЕМИРАМ
ДАР ИН ҶО БУДА, МАН ФИРИСТОДАНИ ИН ОГОҲИҲОРО ДАВОМ ДОДАНӢ ҲАСТАМ, ТО КИ ШУМО ПАС АЗ МАРГИ МАН МУДДАТИ ЗИЁД ОНҲОРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОШТА ТАВОНЕД.
АЗБАСКИ МО БА ШУМО АФСОНАҲО НАГУФТАЕМ, ҲАНГОМЕ КИ БА ШУМО ҚУДРАТ ВА ОМАДАНИ ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲРО ХАБАР МЕДОДЕМ.
МАН БО ЧАШМОНИ ХУД ДУРАХШИ ҶАЛОЛ ВА ШУКӮҲИ ӮРО ДИДАМ.


АММО ДАР БАЙНИ ХАЛҚ ДАР ОН ЗАМОН ПАЙҒАМБАРОНИ ДУРӮҒИН БУДАНД, ЧУНОН КИ ДАР БАЙНИ ШУМО НИЗ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ХОҲАНД БУД.
ИН МУАЛЛИМОН БО ҲИРСИ ПУЛИ ШУМО БАРОЯТОН ҲАР ЧИЗРО МЕГӮЯНД.
АЗБАСКИ ХУДОВАНД ФАРИШТАҲОИ ГУНОҲКОРШУДАРО АМОН НАДОД, БАЛКИ БА АСФАЛУССОФИЛИН ПАРТОФТА, БА ЗАНҶИРҲОИ ТОРИКӢ СУПУРД, ТО КИ БАРОИ ДОВАРӢ НИГОҲ ДОШТА ШАВАНД.
АЗ ҲАМАИ СОКИНОНИ ДУНЁИ ҚАДИМ ҲЕҶ КАСРО АМОН НАДОД, ҒАЙР АЗ НӮҲ ВА ҲАШТ НАФАР АЪЗОЁНИ ОИЛАИ ОНҲО.
ХУДОВАНД ЛУТРО АЗ САДӮМ БАРОВАРД, ЧУНКИ Ӯ АЗ РАФТОРИ БАДАХЛОҚОНАИ БАДКИРДОРОН, КИ ҲАР РӮЗ ДАР АТРОФ МЕДИД, БА ТАНГ ОМАДА БУД.
АЙНАН ҲАМИН ТАВР ХУДОВАНД МЕДОНАД, КИ ЧӢ ГУНА ХУДОТАРСОНРО АЗ ОЗМОИШ РАҲО КУНАД ВА БАДКОРОНРО БАРОИ ҶАЗО ТО РӮЗИ ДОВАРӢ НИГОҲ ДОРАД.
ИН МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН АЗ ҲАЙВОНҲО БЕШТАР НЕСТАНД – ОНҲО ҲАМРОҲИ ДЕВҲО ВА ҚУВВАҲОИ ДӮЗАХ БАРОИ ГУНОҲИ ХУД ПАРТОФТА МЕШАВАНД.
ИН ОДАМОН ЧУН ЧАШМАҲОИ ХУШКИДА БЕФОИДААНД, КИ ВАЪДАИ БИСЁР МЕДИҲАНД ВА ҲЕҶ ЧИЗ НАМЕОВАРАНД; ОНҲО ЧУН АБРҲОИ БЕОБЕ КИ БО БОД РОНДА МЕШАВАНД, НОУСТУВОРАНД.
БАРОИ ОНҲО ТИРАГИИ ТОРИКИИ АБАДӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.


МАН БА ШУМО ЁДРАС КАРДАНӢ ҲАСТАМ, КИ ДАР ОХИРИ АЙЁМ МАСХАРАКУНАНДАГОНЕ ПАЙДО МЕШАВАНД, КИ ҲАМАҶИҲАТА БАДӢ МЕКУНАНД ВА ҲАҚИҚАТРО МАСХАРА МЕНАМОЯНД.
ОНҲО ФАРОМӮШ КАРДААНД, КИ ХУДО БОРЕ ҶАҲОНРО БО ТӮФОНИ БУЗУРГ ХАРОБ КАРДА БУД.
АММО ШУМО ИНРО ФАРОМӮШ НАКУНЕД – БАРОИ ХУДОВАНД ЯК РӮЗ ЧУН ҲАЗОР СОЛ, ВА ҲАЗОР СОЛ ЧУН ЯК РӮЗ АСТ.
РӮЗИ ОМАДАНИ ХУДОВАНД ЧУН ОМАДАНИ ДУЗД ФАРО МЕРАСАД, ВА ОН ГОҲ ОСМОН БО ҒУЛҒУЛАЕ ДАРМЕГУЗАРАД, ВА ЗАМИН ВА ҲАМАИ ОН ЧИ ДАР ОН ҲАСТ, ДАР ОТАШ НОБУД МЕШАВАД.
АГАР ҲАМАИ ИНҲО ЧУНИН НОБУД МЕШУДА БОШАНД, ПАС ШУМО ДАР РАФТОРИ МУҚАДДАС ВА ХУДОТАРСӢ ЧӢ ГУНА БОЯД БОШЕД!
ХУДОВАНДРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД. (1)
ДАР ҚУВВАИ РӮҲ НАШЪУНАМО КУНЕД ВА ХУДОВАНДУ НАҶОТДИҲАНДААМОН ИСОИ МАСЕҲРО ТОРАФТ БЕШТАР ШИНОСЕД.
ӮРО АЗ ҲОЗИР ТО РӮЗИ АБАДИЯТ ҶАЛОЛ БОД. ТО БОЗДИД.
(1) МУВОФИҚИ РИВОЯТ, БА ПЕТРУС ЛОЗИМ ОМАД БА САЛИБ КАШИДА ШУДАНИ ЗАНАШРО БИНАД, ВА Ӯ БО ИН СУХАНОН ӮРО ДИЛБАРДОРӢ МЕКАРД.


I, II, III ЮҲАННО
ЮҲАННО ОХИРИН ҲАВВОРИИ ЗИНДАМОНДАИ ИСОИ МАСЕҲ БУД. Ӯ ИН НОМАРО ДАР БАЙНИ СОЛҲОИ 90-95 МИЛОДӢ НАВИШТААСТ, ПЕШ АЗ САРШАВИИ ТАЪҚИБИ МАСЕҲИЁН АЗ ҶОНИБИ ИМПЕРАТОРИ РУМ ДОМИСИАН.
ҲАВВОРӢ БА КАЛИСОҲОИ ОСИЁИ ХУРД НОМА НАВИШТА, ДАР ХУСУСИ ИДЕЯҲОИ ГНОСТИСИЗМ, КИ КАЛИСО ПАЙДО ШУДА БУДАНД, НАВИШТААСТ. [1]
[1] ГНОСТИСИЗМ ТАЪЛИМ МЕДОД, КИ ИСО БА ИНСОН ТАҶАССУМ НАШУДА БУД, БАЛКИ ШАКЛИ БАДАНИ ИНСОНРО ҚАБУЛ КАРДА БУД. ГНОСТИКҲО МЕГУФТАНД, КИ ФАҚАТ БАДАН ГУНОҲОЛУД АСТ ВА, ҲАМИН ТАРИҚ, ҲАНГОМИ ГУНОҲ КАРДАН ҶИҲАТИ РӮҲОНИИ ИНСОН БА ОН ҶАЛБ НАМЕШАВАД.
МАСЕҲ ҲАНӮЗ ПЕШ АЗ ОФАРИНИШИ ОЛАМ ВУҶУД ДОШТ – АММО МАН МАН ӮРО БО ЧАШМОНИ ХУД ДИДААМ ВА СУХАНОНАШРО ШУНИДААМ.
МАН ДАСТОНАМРО БА Ӯ РАСОНИДААМ.
Ӯ КАЛОМИ ИЛОҲИИ ҲАЁТ АСТ.
ИН КАЛОМРО ПАРВАРДИГОР БА МО ДОД – ХУДО НУР АСТ, ВА ДАР Ӯ ҲЕҶ ТОРИКӢ НЕСТ.
АГАР ГӮЕМ, КИ ДӮСТОНИ Ӯ ҲАСТЕМ, АММО ДАР ГУНОҲ ЗИНДАГӢ КУНЕМ, ДУРӮҒГӮЙ ҲАСТЕМ.
I ЮҲАННО 1


МАН ИНРО БА ШУМО БАРОИ ОН МЕГӮЯМ, КИ ГУНОҲ НАКУНЕД.
АММО АГАР КАСЕ ГУНОҲ КАРДА БОШАД, МО КАСЕРО ДОРЕМ, КИ БАРОЯМОН ДАР НАЗДИ ПАДАР ШАФОАТ МЕКУНАД – НОМИ Ӯ ИСОИ МАСЕҲ АСТ
КАСЕ ГУФТА МЕТАВОНАД: "МАН МАСЕҲӢ ҲАСТАМ", – АММО АГАР Ӯ МУВОФИҚИ ФАРМУДАИ МАСЕҲ АМАЛ НАКУНАД, Ӯ ДУРӮҒГӮЙ АСТ
ҲАМИН ТАВР ФАҲМИДАН МУМКИН АСТ, КИ ОЁ ШАХС МАСЕҲӢ АСТ Ё НЕ.
INRI
МАН ИНРО БА ШУМО МЕГӮЯМ, ПАДАРОН, ЧУНКИ ШУМО МАСЕҲРО ҲАҚИҚАТАН ШИНОХТАЕД...ВА БА ШУМО, ҶАВОНОН, ЧУНКИ ШУМО ШАЙТОНРО МАҒЛУБ КАРДАЕД
МАН АЗ ОН САБАБ БА ШУМО МЕНАВИСАМ, КИ ГУНОҲҲОЯТОН БА НОМИ ИСО БАХШИДА ШАВАНД.
СОАТИ ОХИРИНИ ИН ҶАҲОН ФАРО РАСИДААСТ, ЗИДДИМАСЕҲ НАЗДИК МЕШАВАД – ВА АЛЛАКАЙ БИСЁР ЧУНИН ОДАМОН ПАЙДО ШУДААНД.
ИН МОРО БОЗ ДИЛПУРТАР МЕКУНАД, КИ ОХИР НАЗДИК АСТ.
БИНЕД, КИ ПАДАР БА МО ЧӢ МУҲАББАТЕ АТО НАМУДААСТ, ТО ФАРЗАНДОНИ ХУДО НОМИДА ШАВЕМ – ВА ҲАҚИҚАТАН ЧУНИН БОШЕМ!
АММО МО МЕДОНЕМ, КИ ҲАНГОМИ ЗОҲИР ШУДАНАШ МОНАНДИ Ӯ МЕШАВЕМ.



АГАР ШУМО ДОИМО НЕКӢ КУНЕД, ИН АЗ ОН САБАБ АСТ, КИ ШУМО ЧУН ИСО ПОК ҲАСТЕД.
АММО АГАР ГУНОҲ КАРДАНРО ДАВОМ ДИҲЕД, ИН НИШОН МЕДИҲАД, КИ ШУМО БА ИБЛИС ТААЛЛУҚ ДОРЕД, КИ АЗ АВВАЛ ГУНОҲ КАРДА БУД.
АГАР МО ДИГАР МАСЕҲИЁНРО ДӮСТ ДОРЕМ, ИН ДАЛЕЛИ ОН АСТ, КИ МО ҲАЁТИ АБАДӢ ДОРЕМ.
АММО КАСЕ КИ БА ДИГАРОН МУҲАББАТ НАДОРАД, НАСИБАШ МАРГИ АБАДӢ АСТ.
АГАР ВИҶДОНИ МО ПОК БОШАД, БО ҶУРЪАТ НАЗДИ ХУДОВАНД ОМАДА, ЧИЗИ МЕХОСТААМОНРО ГИРИФТА МЕТАВОНЕМ, ЧУНКИ БА Ӯ ИТОАТ МЕКУНЕМ ВА АМАЛҲОИ ПИСАНДИДАИ ӮРО БА ҶО МЕОВАРЕМ.
АГАР КАСЕ ГӮЯД, КИ ПАЁМИ Ӯ АЗ ҶОНИБИ ХУДОСТ, ДАРҲОЛ БОВАР НАКУНЕД – БАЛКИ АВВАЛ ИН КАЛОМРО ИМТИҲОН НАМОЕД.
ОЁ ИН КАЛОМ БО ОН МУВОФИҚАТ МЕКУНАД КИ ИСОИ МАСЕҲ, ПИСАРИ ХУДО, ҲАҚИҚАТАН ДАР ҶИСМИ ОДАМӢ ОМАД?
МО НАБОЯД ТАРСЕМ – ИСО МОРО БО МУҲАББАТИ КОМИЛ ДӮСТ ДОШТ ВА МОРО АЗ ТАРС ВА АЗ ОН ЧИ БО МО КАРДА МЕТАВОНАД, ХАЛОС МЕНАМОЯД – ЧУНКИ Ӯ АЗ ИБТИДО МОРО ДӮСТ ДОШТ.
АГАР КАСЕ ГӮЯД: "МАН ХУДОРО ДӮСТ МЕДОРАМ ", АММО БАРОДАРИ ХУДРО БАД БИНАД, ДУРӮҒГӮЙ АСТ.
АГАР ШУМО БАРОДАРИ ХУДРО, КИ ДАР РӮ БА РӮЯТОН АСТ, ДӮСТ НАДОРЕД, ХУДОРО ЧӢ ТАВР ДӮСТ ДОШТА МЕТАВОНЕД?
I ЮҲАННО 3:3-4:20


ХУДОРО ДӮСТ ДОШТАН МАЪНОИ БА ҶО ОВАРДАНИ ФАРМУДАҲОИ ӮРО ДОРАД, ВА ИН ДУШВОР НЕСТ
ҲАР ЯК ФАРЗАНДИ ХУДО БОЯД ҲАЛОВАТҲОИ ГУНОҲКОРОНАРО БА ВОСИТАИ БОВАРӢ БА МАСЕҲ МАҒЛУБ НАМУДА, БА Ӯ ИТОАТ КУНАД.
ОЁ БЕ ИМОН БА ОН КИ ИСО ПИСАРИ ҲАҚИҚИИ ХУДОСТ, КАСЕ ДАР ИН МУҲОРИБА ҒОЛИБ ШУДА МЕТАВОНАД?
ХУДИ ХУДО АЗ ОСМОНҲО ИНРО ЭЪЛОН НАМУД ҲАНГОМИ ТАЪМИД ЁФТАНИ ИСО ВА ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ДАР АРАФАИ МУРДАН БУД.
АГАР МО БА ШАҲОДАТИ ОДАМОН ДАР МАҲКАМА БОВАР МЕКАРДА БОШЕМ, АЛАЛХУСУС БА ОН ЧИ ХУДО МЕГӮЯД, БОВАР МЕКУНЕМ
ВА ХУДО МЕГӮЯД, КИ ИСО ПИСАРИ ӮСТ
ҲЕҶ ЯКЕ АЗ ОНҲОЕ КИ ЯК ҶУЗЪИ ОИЛАИ ХУДО ШУДААНД, ГУНОҲ КАРДАНРО ДАВОМ ДОДА НАМЕТАВОНАД, ЧУНКИ МАСЕҲ ӮРО ҲИФЗ МЕНАМОЯД ВА ИБЛИС БА Ӯ ДАСТДАРОЗӢ КАРДА НАМЕТАВОНАД.
ФАРЗАНДОНИ АЗИЗ, ХУДРО АЗ ҲАР ОН ЧИ ҶОИ ХУДОРО ДАР ДИЛҲОИ ШУМО ГИРИФТА МЕТАВОНАД, ҲИФЗ НАМОЕД. ОМИН.



НОМАИ 2-ЮМИ ОХИРИН ҲАВВОРИИ ЗИНДАМОНДА, КИ ТАҚРИБАН ДАР СОЛИ 90-95 МИЛОДӢ НАВИШТА ШУДААСТ.
МАВЗӮЪ: ФАҲМОНДАНИ ҲУДУДИ МЕҲМОНДОРИИ МАСЕҲИЁНА.
БАДАНИ МАСЕҲ ФАҚАТ ДАР НАЗАР ҲАҚИҚӢ МЕТОФТ – РӮҲИ Ӯ ДАРҲОЛ ПЕШ АЗ МАСЛУБШАВӢ ӮРО ТАРК НАМУД.
ГНОСТИСИЗМ [1] ДАР ҶАМОАТ ПАҲН ШУДАН ГИРИФТ, ЧУНОН КИ ПАВЛУС ПЕШГӮӢ КАРДА БУД.
[1] МОҲИЯТИ ИНСОНИИ МАСЕҲРО РАД КАРДА, ҶОНИБДОРОНИ ИН ТАЪЛИМОТ МЕГӮЯНД, КИ ҶИСМ ГУНОҲОЛУД АСТ, ВА ОНҲО ҲАҚИҚАТИ ОЛИРО ДОРАНД.
ҶАМОАТИ ИБТИДОӢ ДАР ХОНАҲО ҶАМЪ МЕШУД, ВА МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ИН ИМКОНИЯТРО БАРОИ ФИРЕФТАНИ МАСЕҲИЁНИ ЗУДБОВАР ИСТИФОДА МЕБУРДАНД – БО ИНҶИЛИ ДУРӮҒИН БА ХОНАҲОИ ОНҲО МЕОМАДАНД.
ҲАНГОМЕ КИ ҲАҚИҚАТ ДАР ДИЛҲОИ МО АБАДАН СОКИН АСТ, ХУДО ПАДАР ВА ПИСАРИ Ӯ, ИСОИ МАСЕҲ, МОРО БО МАРҲАМАТИ БУЗУРГ ВА ОСОИШ, ҲАҚИҚАТ ВА МУҲАББАТ БАРАКАТ МЕДИҲАНД.
МАН БО ХУШНУДӢ МЕШУНАВАМ, КИ БАЪЗЕ ФАРЗАНДОНИ ШУМО ДАР ИН ҶО МЕБОШАНД, ВА МЕБИНАМ, КИ ОНҲО БА ТАВРИ ШОИСТА– РОСТИРО ПАЙРАВӢ НАМУДА ВА БА ФАРМУДАҲОИ ХУДОВАНД ИТОАТ НАМУДА, ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД.


БА ШУМО ҚОИДАЕРО, КИ ХУДОВАНД БА МО ДОДААСТ, ЁДРАС КАРДАНӢ ҲАСТАМ – МАСЕҲИЁН БОЯД ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРАНД.
АГАР МО ХУДОРО ДӮСТ ДОРЕМ, ҲАМАИ ФАРМУДАҲОИ ӮРО ИҶРО МЕКУНЕМ, ВА Ӯ БА МО ГУФТААСТ, КИ ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРЕМ.
АЗ БИСЁР МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН БАРҲАЗАР БОШЕД, КИ БОВАР НАМЕКУНАНД, КИ ИСО ДАР СИМОИ ОДАМӢ, ДАР ҶИСМИ МОНАНДИ ҶИСМИ МО БА ЗАМИН ОМАД.
ЧУНИН ОДАМОН ЗИДДИ ҲАҚИҚАТ – ВА ЗИДДИ МАСЕҲ МЕБАРОЯНД.
АГАР КАСЕ КИ БА ТАЪЛИМОТИ МАСЕҲ БОВАР НАМЕКУНАД, БА НАЗДИ ШУМО ОЯД, ӮРО ҲАТТО БА ХОНАИ ХУД ДАЪВАТ НАКУНЕД – ВАГАРНА БА КОРҲОИ БАДИ ВАЙ ШАРИК МЕШАВЕД. (1)
(1) ҲАҚИҚАТ БОЯД ҲАМЕША БА НАШЪУНАМО ДАР МУҲАББАТ РАВОНА НАМОЯД. ҲАҚИҚАТ РОБИТАИ НОГУСАСТАНИИ МУҲАББАТ ВА ЯГОНАГИРО ДАР НАЗАР ДОРАД.
АЗ МОНАНД ШУДАН БА ОНҲО БАРҲАЗАР БОШЕД – АЗ ХУД БОХАБАР БОШЕД, ТО КИ АЗ ХУДОВАНД МУКОФОТИ ПУРРА БА ДАСТ ОВАРЕД.
БА РОСТӢ…?
АГАР АЗ ТАЪЛИМОТИ МАСЕҲ ДУР ШАВЕД, ХУДОВАНДРО БА ТАВРИ НИҲОӢ ТАРК МЕКУНЕД
АММО АГАР ДАР ТАЪЛИМОТИ МАСЕҲ БИМОНЕД, БО ХУДО ХОҲЕД БУД.
ВА ОН ГОҲ ШУМО ҲАМ ДАР ПАДАР, ҲАМ ДАР ПИСАР ХОҲЕД БУД.
БА ШУМО БОЗ БИСЁР ЧИЗҲОРО ГУФТАН МЕХОҲАМ, АММО НА ДАР НОМА, ЗЕРО УМЕДВОРАМ БА ЗУДӢ НАЗДИ ШУМО ОМАДА, БО ШУМО ВОХӮРАМ


НОМАИ СЕЮМ, КИ ДАР БАЙНИ НОМАҲОИ ЮҲАННО БЕШТАР ШАХСӢ АСТ, БА ҒОЮС НОМ ШАХС НАВИШТА ШУДААСТ. ДАР ОН НАСИҲАТ ДОДА ШУДААСТ, КИ МАСЕҲИЁН ЧӢ ТАВР БОЯД ХИЗМАТГУЗОРОНИ ИНҶИЛРО БО ИЛТИФОТ ҚАБУЛ КУНАНД.
НОМАИ ГУЗАШТАИ ЮҲАННО ДАР БОРАИ ОН БУД, КИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИНРО ДАР ХОНАИ ХУД ҚАБУЛ КАРДАН ДАРКОР НЕСТ – АММО ИН НОМА ЗОҲИР НАМУДАНИ МЕҲМОНАВОЗИРО БА МУАЛЛИМОНИ ҲАҚИҚИИ ИНҶИЛ ТАШВИҚ МЕКУНАД.
ДИМИТРИЮСИ БОВАРИНОК, ИЛТИМОС, БОВАРӢ ҲОСИЛ НАМО, КИ ОН БА ҒОЮС РАСОНИДА ШАВАД.
ҒОЮСИ АЗИЗ, МАН ДУО МЕГӮЯМ, КИ САЛОМАТИИ ТУ БА МОНАНДИ РӮҲИ ТУ ХУБ БОШАД.
БАЪЗЕ БАРОДАРОН МАРО ХЕЛЕ ХУРСАНД КАРДАНД, ҲАНГОМЕ ХАБАР РАСОНДАНД, КИ ТУ АЗ РӮИ ҲАҚИҚАТҲОИ ИНҶИЛ ЗИНДАГӢ МЕКУНӢ.
БАРОИ МАН ХУРСАНДИИ БЕШТАРЕ НЕСТ АЗ ШУНИДАНИ ОН КИ ФАРЗАНДОНИ МАН ДАР РОСТӢ РАФТОР МЕКУНАНД.
ТУ МЕҲНАТИ ХУДРО БА ҶО ОВАРДА, ДАР ҲАҚҚИ МУАЛЛИМОН ВА МИССИОНЕРОНИ САФАРКУНАНДА ҒАМХОРӢ МЕКУНӢ – ОНҲО ДАР КАЛИСОИ МАҲАЛЛӢ ДАР БОРАИ КОРҲОИ НЕКИ ТУ НАҚЛ НАМУДАНД.


АЗБАСКИ ОНҲО АЗ БЕИМОНОН НА ХӮРОК МЕГИРАНД, НА ПӮШОК, НА ПУЛ, НА САРПАНОҲ,
МО БОЯД ДАР ҲАҚҚИ ОНҲО ҒАМХОРӢ НАМОЕМ, ТО ИМКОН ДОШТА БОШЕМ, КИ ДАР КОРИ ХУДО ҲАМКОР БОШЕМ.
МАН ПЕШТАР НОМАИ КӮТОҲ ФИРИСТОДА БУДАМ, АММО ДИЮТРИФАСИ МАҒРУР НАХОСТ МАРО ҚАБУЛ НАМОЯД.
Ӯ ГУМОН МЕКУНАД, КИ ИН ҶАМОАТИ ӮСТ! МО БА СУХАНОНИ ИН ПИРАМАДИ АБЛАҲ ГӮШ НАМЕДИҲЕМ.
Ӯ НА ТАНҲО АЗ ҚАБУЛ КАРДАНИ МИССИОНЕРОН ХУДДОРӢ МЕКУНАД, БАЛКИ ҲАНГОМЕ КИ ДИГАРОН ҚАБУЛ МЕКУНАНД, ОНҲОРО АЗ ҶАМОАТ ДУР КАРДАНӢ МЕШАВАД.
ИМКОН НАДЕҲ, КИ ИН НАМУНАИ БАД БА ТУ ТАЪСИР РАСОНАД – ФАҚАТ ДАР ПАЙИ НЕКӮКОРӢ БОШ.
БА ИН ПИРАМАДИ АБЛАҲ ГӮЕД, КИ ГАДОЁНИ ТАҚВОДОРИ ХУДРО АЗ ИН ҶО ДУР ГИРАД – МО МУАЛЛИМОНИ ХУДРО ДОРЕМ.
КАСОНЕ КИ РОСТКОРӢ МЕКУНАНД, НИШОН МЕДИҲАНД, КИ ФАРЗАНДОНИ ХУДОЯНД. ВА КАСОНЕ КИ БАДКИРДОРИҲОРО ДАВОМ МЕДИҲАНД, ИСБОТ МЕКУНАНД, КИ АЗ ХУДО НЕСТАНД.
УМЕДВОРАМ БА НАЗДИКӢ ТУРО БИНАМ, ВА ДАҲОН БА ДАҲОН ГУФТУГУЗОР КУНЕМ.
ДӮСТОНИ МАҲАЛЛӢ БА ТУ САЛОМ МЕРАСОНАНД. ХОҲИШ МЕКУНАМ, БА ҶАМОАТ САЛОМУ ПАЁМҲОИ МАХСУСИ МАРО РАСОН.


ЯҲУДО
ЯҲУДО БАРОДАРИ УГАЙИ ИСОИ МАСЕҲ БУД.
ҲАНГОМЕ КИ ИСО ДАР ИН ЗАМИН СОКИН БУД, ЯҲУДО ӮРО ЧУН МАСЕҲ ҚАБУЛ НАМЕКАРД – АММО ПАС АЗ ЭҲЁИ Ӯ ПАЙРАВИ МАСЕҲ ВА БА ҶАМОАТИ МАҲАЛЛӢ САРВАР ШУД.
Ӯ ДАР МАВЗӮИ НАҶОТ НОМА НАВИШТАНӢ БУД, АММО БА ҶОИ ИН ДАР ХУСУСИ МАСЪАЛАИ ҲАЛТАЛАБЕ НАВИШТ, КИ ҶАМОАТ БО ОН РӮ БА РӮ ШУД – МУАЛЛИМОНИ МУРТАД.
...ВА АКНУН МАН ЗАРУР ДОНИСТАМ ШУМОРО ВОДОР НАМОЯМ, КИ ДАР РОСТӢ УСТУВОР МОНЕД, КИ ОНРО ХУДОВАНД ЯК БОР ВА БАРОИ ҲАМЕША БА ХАЛҚИ ХУД ДОД, ТО КИ ОНҲО ОНРО БЕТАҒЙИРОТ РИОЯ НАМОЯНД.
МУАЛЛИМОНИ ХУДОНОТАРС БА САФҲОИ ШУМО ДАРОМАДА, МЕГӮЯНД, КИ МО ҲАР КОРИ МЕХОСТААМОНРО КУНЕМ, ВА АЗ ҶАЗОИ ХУДОВАНД НАТАРСЕМ.
ТАҚДИРИ ОНҲО АЛЛАКАЙ НАВИШТА ШУДААСТ – ЧУНКИ ОНҲО ЗИДДИ ЯГОНА МУАЛЛИМ ВА ХУДОВАНДАМОН ИСОИ МАСЕҲ БАРОМАДААНД.


БА ЁД ОВАРЕД, КИ ЧӢ ТАВР ХУДО ЯК ХАЛҚИ ТОМРО АЗ ЗАМИНИ МИСР БАРОВАРД, ВА БАЪД ҲАР КАСЕРО, КИ БА Ӯ БОВАРӢ НАМЕКАРД ВА ИТОАТ НАМЕНАМУД, НОБУД КАРД
ВА ФАРИШТАҲОЕРО, КИ МАНЗИЛИ ХУДРО ТАРК КАРДАНД – ХУДО ОНҲОРО ДАР БАНДИ АБАДӢ, ДАР ТОРИКӢ, БАРОИ ДОВАРИИ РӮЗИ БУЗУРГ НИГОҲ ДОШТ.
САДӮМ ВА АМУРО ВА ШАҲРҲОИ АТРОФАШОНРО БА ЁД ОВАРЕД, КИ БА ЗИНО ВА ШАҲВАТҲОИ ҒАЙРИТАБИӢ ДОДА ШУДА БУДАНД.
ОНҲО ГИРИФТОРИ ҶАЗОИ ОТАШИ АБАДӢ ГАРДИДАНД – ВА ҲОЛО ҲАМ ҲАМЧУН ОГОҲӢ ХИЗМАТ МЕКУНАНД.


ИН МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ҲАЁТИ БАДАХЛОҚОНА БА САР МЕБАРАНД.
ҶИСМРО ПАЛИД МЕСОЗАНД, САРВАРОНРО РАД МЕКУНАНД ВА ҲАТТО ДАР ҲАҚҚИ БУЗУРГОН БАДГӮЙ МЕКУНАНД.
ҲАТТО МИКОИЛ, ЯКЕ АЗ ТАВОНОТАРИН ФАРИШТАҲО, ҲАНГОМЕ КИ БО ШАЙТОН ДАР БОРАИ ҶАСАДИ МУСО БАҲС МЕНАМУД, ҶУРЪАТ НАКАРД, КИ ҲУКМИ БАДГӮИЕ БА ЗАБОН РОНАД.
ХУДОВАНД ТУРО ҶАЗО ДИҲАД.
ВАЛЕКИН ИНҲО БА ҲАР ЧИЗЕ КИ НАМЕФАҲМАНД, БАДГӮЙ МЕКУНАНД, ВА ҲАМЧУН ҲАЙВОНОТИ БЕЗАБОН ҲАР КОРИ МЕХОСТААШОНРО МЕКУНАНД ВА БО ҲАМИН ҶОНИ ХУДРО НОБУД МЕКУНАНД.


ВОЙ БАР ОНҲО, ЧУНКИ БО РОҲИ ҚОБИЛ РАФТААНД, КИ БАРОДАРИ ХУДРО КУШТ.
ЧУН БИЛЪОМ, ОНҲО БАРОИ ПУЛ ҲАМА КОРРО МЕКУНАНД.
БА МОНАНДИ ҚӮРАҲ, ОНҲО БА ПАРВАРДИГОР ИТОАТ НАКАРДА, ЗЕРИ ЛАЪНАТИ Ӯ МЕМИРАНД.
ИН ОДАМОН ВАСВАСАЕ ДАР ЗИЁФАТҲОИ МУҲАББАТ ДАР ҶАМОАТҲОИ ШУМО МЕБОШАНД.
ИНҲО ЧУН ДАРАХТОНЕ ҲАСТАД, КИ САМАР НАДОРАНД.
БЕШАРАФӢ ВА ШАРМАНДАГИИ ОНҲО ЧУН КАФКИ РАСВОИҲО ДАР СОҲИЛҲОИ БАҲР ҲАСТАНД, КИ МАВҶҲОИ ПУРТУҒЁН БОҚӢ МЕГУЗОРАНД.
ОНҲО ОВОРА БУДА, ЧУН СИТОРАҲОИ РАВШАН МЕТОБАНД, АММО ХУДОВАНД БАРОЯШОН СИЁҲИИ ТОРИКИИ АБАДИРО ОМОДА НАМУДААСТ.


ҲАНӮХ, КИ ПАС АЗ ОДАМ НАСЛИ ҲАФТУМ БУД, ДАР БОРАИ ИН ОДАМОН МЕДОНИСТ...
ИНАК, ХУДОВАНД БО ҲАЗОРОН ҲАЗОР МУҚАДДАСОНИ ХУД МЕОЯД.
Ӯ ҲАМАИ ОДАМОНИ ҶАҲОНРО НАЗДИ ХУД БА ДОВАРӢ МЕОВАРАД ТО КИ БА САБАБИ ТАМОМИ КОРҲОЕ БАДЕ КИ ДАР ИСЁН БАР ЗИДДИ ХУДО КАРДААНД, ҶАЗО ДОДА ШАВАНД.
ИН ОДАМОН ҶУДОИҲО БА МИЁН МЕОВАРАНД ВА БАДКИРДОРИРО ДӮСТ МЕДОРАНД.
РӮҲУЛҚУДС ДАР ОНҲО СОКИН НЕСТ.
ОНҲО ШИКОЯТКУНАНДАГОНИ АЗ ҲАР ЧИЗ НОРОЗӢ ҲАСТАНД, ВА МУВОФИҚИ ҲАВАСҲОИ ХУД РАФТОР МЕКУНАНД, ЛАБОНИ ХУДРО ИНҶ КАРДА, ЛОФ МЕЗАНАНД
ВА БА КАС БА ХОТИРИ ОН ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМ ЗОҲИР МЕКУНАНД, КИ МАНФИАТЕ БА ДАСТ ОВАРАНД.
СУХАНОНЕРО БА ХОТИР ОВАРЕД, КИ ПЕШТАР РАСУЛОНИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ ГУФТААНД: ДАР ЗАМОНИ ОХИР МАСХАРАКУНАНДАГОНЕ ПАЙДО МЕШАВАНД, КИ АЗ ҲАР ГУНА БАДКОРӢ ҲАЛОВАТ МЕБАРАНД.


АММО ШУМО, ДӮСТОНАМ – ХУДРО ДАР ИМОН ОБОД КУНЕД ВА ДАР ҚУВВАИ РӮҲУЛҚУДС ДУО ГӮЕД.
ҲАЁТИ АБАДИРО, КИ ИСОИ МАСЕҲ ПЕШКАШ НАМУДААСТ, ПУРСАБРОНА ИНТИЗОР БОШЕД – КӮШИШ КУНЕД БА КАСОНЕ КИ БО ШУМО МУҲОКИМАРОНӢ МЕКУНАНД ЁРӢ РАСОНЕД ВА БА КАСОНЕ КИ ШУБҲА МЕКУНАНД, БОИЛТИФОТ БОШЕД.
БАЪЗЕИ ДИГАРРО НАҶОТ ДОДА, АЗ АЛАНГАИ ОТАШИ ДӮЗАХ БЕРУН ОВАРЕД.
БА ДИГАРОН НЕКӢ КАРДА, ДАР ПАЙДО НАМУДАНИ МАСЕҲ ЁРӢ ДИҲЕД, – АЗ ГУНОҲ РӮ ГАРДОНЕД, АММО БА ОНҲО, КИ ГУНОҲКОРАНД, РАҲМДИЛ БОШЕД
ХУДОИ ЯГОНАРО ҶАЛОЛ ВА ШУКӮҲ БОД
Ӯ ҚОДИР АСТ ШУМО АЗ ПЕШПО ХӮРДАН НИГОҲ ДОРАД ВА БА ҲУЗУРИ ПУРҶАЛОЛИ ХУД ОВАРАД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**